**Тақриз**
**ба автореферати диссертатсияи Акрамов Абдуҳалим Холович дар мавзуи «Хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт» оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 – Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ**

Картошкапарварӣ яке аз соҳаҳои асосии комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад. Хусусияти истеъмолӣ ва содиротӣ доштани картошкаро ба назар гирифта, ба рушди ин соҳа Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи зиёд намудааст. Дар ҳолати амалӣ гаштани пешрафту инкишофи рушди соҳаи картошкапарварӣ таъмини амнияти озуқаворӣи мамлакат бо картошка пурра амалӣ мегардад.

Дар самти рушди картошкапарварӣ олимони мамлакатҳои муштаракулманофеъ ва олимони Тоҷикистон саҳми назаррас доранд. Дар афзун намудани истеҳсоли картошка нақши навъҳои серҳосил ва сифати баланди тухмӣ аҳаммияти асосӣ доранд. Аммо солҳои охир бинобар сабаби тағйирёбии иқлим ва дигар омилҳои номусоид боиси паст шудани маҳсулнокии навъҳои картошка гардидаанд.

Аз ин лиҳоз, таҳқиқотҳо оид ба хусусиятҳои агроэкологӣ ва селексионии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт гузаронида шуда, ба мақсад мувофиқ мебошад.

Навгонии илмии кори диссерсатсионии Акрамов Абдуҳалим Холович аввалин маротиба дар шароити кӯҳии мавзеи Лахши водии Рашт омӯзиши хусусиятҳои биологӣ, агроэкологӣ, селексионӣ ва мутобиқгардонии навъҳои нави интродуксионии картошка ба шароити номусоиди табиӣ дар радифи тағйирёбии глобалии иқлим омӯхта шуда, дар асоси омӯзиши ҳамаҷониба самаранокии иқтисодии парвариши навъҳои нави картошка дар минтақа таҳқиқ карда шуда, ҳаматарафа омӯхта шудаанд.

Аҳаммияти амалии натиҷаи ин таҳқиқот дар роҳҳои истифодаи самаранокии замин, истифодаи навъҳои нави интродуксионии картошка дар шароити водии Рашт яке аз масъалаҳои муҳим буда, омӯзиши маҳсулнокии навъҳои нави картошка дар таъмини амнияти озуқаворӣ нақши калидӣ доранд.

Муаллиф аз уҳдаи иҷрои мақсад ва вазифаҳои дар пешмондаи таҳқиқот бомуваффақона баромадааст.

Автореферати аз рӯйи диссертатсия бароварда пешниҳодкардаи Акрамов Абдуҳалим Холович дар мавзуи «Хусусиятҳои агроэкологӣ ва

селексионии навъҳои нави картошка дар шароити мавзеи Лахши водии Рашт» дуруст буда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он барои ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 – Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ сазовор мебошад.

Тақриздиҳанда: муовини аввал, мувоини ректор оид ба таълими Донишгоҳи давлатии Данғара, номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01 – зироаткории умумӣ, растанипарварӣ, дотсент — Музафарзода Д.М.

Имзои Д.М. Музафарзодаро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии Данғара — Тоирзода С.Т.

ШУЪБАИ КАДРҲО

Суроға: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, шаҳраки Данғара, кӯчаи Марказӣ, 25.
E-mail: muzafarov.davron@mail.ru,
Тел.: (+992) 907-77-76-02; (+992) 918-28-54-94.

26. 09. 2025